# Бигӯ: Ло илоҳа иллалоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, Аллоҳу акбару кабиран вал-ҳамдулиллоҳи касиран ва субҳоналлоҳи раббилъоламина ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил-ъазизил-ҳаким

Аз Саъд (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Аъробие хидмати Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омада гуфт: Сухане ба ман биёмӯз, то онро бигӯям. Фармуд: "Бигӯ: Ло илоҳа иллалоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, Аллоҳу акбару кабиран вал-ҳамдулиллоҳи касиран ва субҳоналлоҳи раббилъоламина ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил-ъазизил-ҳаким". Тарҷума: "Нест маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ Таъоло, ки ягона асту шарике надорад ва Худованд бузургтар аст ба бузургӣ. Ҳамди зиёд мар Худовандро бод ва покист мар Худовандеро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Гардидане аз маъсият ва қудрате бар анҷоми тоат бидуни тавфиқи Худованде, ки ғолибу боҳикмат аст, вуҷуд надорад." Аъробӣ гуфт: Ин барои Парвардигори ман аст, пас барои ман чӣ? Фармуд: "Бигӯ: Аллоҳумма-ғфирлӣ варҳамнӣ ваҳдинӣ варзуқнӣ". Тарҷума: "Бор Худоё, маро биёмурз, бар ман раҳм кун ва ҳидоятам намо ва рӯзиям ато кун."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Марде аз сокинони бодия аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хост, то ба ӯ зикре биомӯзад, ки онро ҳамеша бигӯяд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ гуфт: Бигӯ: "Ло илоҳа иллалоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу" (Нест маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ Таъоло, ки ягона асту шарике надорад) Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бо гувоҳӣ бар тавҳид оғоз карданд, ки маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ нест. "Аллоҳу акбару кабиран" Яъне, Аллоҳ бузургтар аз ҳама чиз аст. "Ва алҳамду лиллоҳи касиран". Яъне, ситоиши бисёр сазовор ва шоиста барои Аллоҳ, бар сифатҳо, афъол ва неъматҳояш, ки бешумор ҳастанд. "Субҳоналлоҳи раббил-ъоламин" Яъне, аз ҳар гуна нақсу камбудӣ пок ва муназзаҳ аст. "Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил-ъазизи-л-ҳаким." Яъне, аз як ҳолат ба ҳолати дигар гардидан бидуни тавфиқи Худованде, ки ғолибу боҳикмат аст, имкон надорад. Пас он мард гуфт: Ин суханон барои зикр ва бузургдошти Парвардигори ман аст, дуое, ки барои худи ман бошад, куҷост? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: Бигӯ: "Аллоҳммағфир лӣ" Яъне: Бор Илоҳо! Манро бо маҳву пӯшонидани гуноҳонам биёмурз. "Варҳамнӣ" Яъне, бо расондани манфиатҳои динӣ ва дунявӣ ба ман, мавриди раҳматат қарорам бидеҳ. "Ваҳдинӣ" Манро ба сӯи беҳтарин ҳолатҳо ва роҳи рост ҳидоят кун. "Варзуқнӣ" Моли ҳалол, саломатӣ ва ҳар некӣ ва офияте ҳаст бароям рӯзӣ бигардон.